Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003), ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссерататсияи номзадии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ».**

Фаъолияти соҳибкорӣ чун муҳаррики иқтисодиёт натанҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки кулли дигар бахшҳои воқеии иқтисодиёт низ аз ҷумлаи омилҳои муҳимми таъмини рушди иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Аз ин лиҳоз, ҳоло ин бахши муҳим яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва воситаи расидан ба ҳадафҳои стратегӣ дар кишвар муайян гардидааст. Бинобар ин, мавзуи интихобгардида муҳим ва масъалаи рӯзмара аст.

Аз тарафи муаллиф Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» қисмати муқаддимаи автореферат тибқи муқаррарот, аз ҷумла дастурамали таҳияи диссертатсия ва автореферат иҷро гардида, мавзуи таҳқиқшаванда дар мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ асоснок шуда, (саҳ.5) натиҷаҳои он дар қисмати навгониҳои илмӣ (саҳифаҳо 6,7) пурра муаяйн карда шудааст.

Зимнан, дар автореферат аз ҷониби муаллиф бобҳои кори диссертатсионӣ ба таври алоҳида дарҷ гардидаанд. Ҳамин тавр, дар боби 1-ум кори илми-таҳқиқотии муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ баррасӣ карда шуда, дар қисмати таҷрибаи хориҷӣ бошад, масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳаи таҳқиқшаванда моҳирона таҳқиқ гардидааст (саҳифаҳои 9,13).

Дар боби дуюм, ки ба масъалаҳои «Арзёбии вазъи кунунии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, ҳолати имрӯзаи фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ гардида, дар ин асос омилҳои асосии рушд ва самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ чун муҳаррики рушди соҳаи кишоварзӣ дар кишвар муайян гардидаанд (саҳифаҳои 13,20).

Унвонҷӯй дар қисмати боби 3-юм, ки чун «Самтҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои раванди татбиқи технологияи инноватсионӣ, ҳамгироии агросаноатӣ ва танзими давлатиро таҳлилу арзёбӣ намудааст (саҳифаҳои 20,23).

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дар шароити имрӯза ба таври мунтазам баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини самаранокии баланди он танҳо дар сурате имконпазир буда метавонад, ки агар дар раванди истеҳсолот аз роҳу усулҳои инноватсионӣ, рушди ҳамгироии агросаноатӣ ва танзими давлатии мутобиқ ба талаботи замон васеъ истифода карда шавад (саҳифаҳои 20,21).

Дар ин росто диссертант, зимни таҳлилҳои хеш як қатор соҳибкорони кишоварзиии ватание, ки маҳз дар заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ фаъолияти самарнок дошта, дар самти истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, ошкор ва асоснок намудааст, ки истифодаи он дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ, аз ҷонби муаллиф дар баробари дигар принсипҳо, риояи ҳатмии принсипи диверсификатсия, мутобиқшавӣ ба раванди тағйирёбии иқлим, истифодаи васеи технологияи инноватсионӣ, аз ҷумла техникаи камасрафи кишоварзӣ, афзоиши ҳаҷми хароҷот ба рушди илмӣ ва лизинги техникаи кишоварзӣ, чунин навоварии илмӣ асоснок гардидааст.

Ҳамин тавр, дар баробари дастовард ва муваффақиятҳои илмӣ дар автореферат боз баъзе норасоиҳо ба назар мерасад:

1. Агар дар кори диссертатсионӣ соҳибкории аграрӣ аз рӯйи шаклҳои фаъолият дар алоҳидагӣ (ЧДММ, кооперативҳо), инчунин масъалаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқ мегардид, сатҳу сифат ва арзиши илмии кори иҷрогардида, боз ҳам баланду хубтар мешуд.

Хулоса, автореферати диссертатсия аз лиҳози имлмӣ дар сатҳи зарӯрӣ таҳия гардидааст ва эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, моҳият ва арзиши илмии корро коҳиш намедиҳанд ва муаллифи он Одиназода Амин Иброҳим сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ» мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и. ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмхои Тоҷикистон Маҳкамов Б.Б.
23.08.2024

Имзои н.и.и., Махкамов Б.Б.-ро тасдиқ менамоям
Инспектори калони шуъбаи кадрхо Зиёева М.С.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, куч. Айни 44.
Тел: +992 (37) 2216750
E-mail: info@ied.tj